Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Мавзуи диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди дар соҳаи муқовимат бо зӯроварии оилавӣ тавсия шаванд. Ҳамзамон дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидааст.

Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои илмии муаллифро дар тадқиқоти илмии минбаъда оид ба масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои илмии ба вуҷуд омада барои дуруст дарк намудани принсипҳои пешгирӣ ва муқовимат бо зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунад. Ин натиҷаҳоро барои коркарди минбаъдаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон <<Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила>> дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Кирдорҳои зӯроварӣ дар оила як падидаи хеле хатарноки зиддиҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, аз он ҳар гуна оқибатҳои фоҷиаоварро метавон интизор шуд. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки зӯроварӣ дар оила дар ҳаёти рӯзмарраи

мардуми Тоҷикистон зиёд гардида, ин раванд дар самтҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ рӯ ба афзоиш дорад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки зӯроварӣ дар оила дар ҳаёти рӯзмарраи мардуми Тоҷикистон зиёд гардида, ин раванд дар самтҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати инкишофёбӣ қарор дорад. Аз таҳлили маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки дар Тоҷикистон ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила солҳои охир афзоиш ёфтааст. Барои рафъи ин мушкилот ва пешгирӣ кардани ин навъи ҷиноятҳо бояд таъсири огоҳӣ дар онҳо зиёдтар карда шавад, омилҳои бавуҷудорандаи ҷинояткорӣ дар муносибатҳои оилавӣ ва маишӣ таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шаванд. Яъне, дар ҷомеа масъалаи таъмини амнияти оила ва ҳифзи он нисбат ба таҳдид ва зӯроварии ҷинояткорона муҳимтар арзёбӣ гардад.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– мураттаб сохтани консепсия ва таҳлилу баррасии навъҳои асосии зӯроварӣ дар оила;

– омӯзиши вазъи кунунии мушкилоти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;

– омӯзиши омилҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳқиқи ҳолат, сохтор ва пастуболравии (динамикаи) ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила;

– таҳлили сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили чораҳои умумии криминологӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили чораҳои махсуси криминологӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки он яке аз таҳқиқотҳои аввалин дар мавзӯи хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав пешниҳод шудаанд.

Дар рисола бори аввал қонуни ҶТ «Дар бораи зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои

пешгирии он >> ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила таҳлил гардида, тавсифоти дахлдор пешниҳод карда шудааст. Хусусияти хосси як қатор ҷиноятҳо дар алоқамандӣ бо зӯроварӣ дар оила таҳлил гардида, зарурати ҷудо кардани онҳо ба таркибҳои махсусе, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз дигар навъи ҷиноятҳо фарқ мекунанд, асоснок карда шудааст.Таҳлили хусусиятҳои аз ҷиҳати криминологӣ муҳимми ин навъи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ сурат гирифтааст. Дар диссертатсия тавсифи муфассали криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, инчунин шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, амалӣ гардид, инчунин, маҷмуи сабабҳои содир шудани ин намуди ҷиноятҳо таҳлил карда шуд. Дар баробари ин, навгонии илмии диссертатсия бо асосноксозӣ ва таҳияи як қатор чораҳои пешгирикунанда, аз ҷумла, дар қонунгузории Тоҷикистон қабул кардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба пешгирии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила нигаронида шудаанд, алоқаманд мебошад.

Муҳаққиқ омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогияро ҳамчун мақсади таҳқиқот қарор дода, дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ масъалаҳои амалиро низ баррасӣ намудааст. Дар мавриди муайян намудани мафҳуми зӯроварӣ, пеш аз ҳама, ба санадҳои байналмилалӣ назар кардан зарур аст. Яке аз аввалин санадҳои байналмилалие, ки тафсири умумии зӯровариро пешбинӣ кардааст, ин Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбати занон аст, ки Бо резолютсияи 34/180 аз 18 декабри соли 1979 тасдиқ гардидааст ва Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занон, ки бо резалютсияи 48/104 , 20 декабри соли 1993 аз ҷониби СММ тасдиқ гардидааст, мебошанд. Баъдан, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбати занон, бо резолютсияи 34/180 аз 18 декабри соли 1979 қабул гардидааст .

Муаллиф мафҳуми виктимиро дар вобастагӣ ба зӯроварӣ дар оила ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: виктимӣ - хислатҳо ва аломатҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоиеанд, ки шахс дар раванди зиндагӣ ба даст овардааст, ки метавонанд ӯро ба қурбонӣ табдил диҳанд; виктимӣ ё виктимизатсия – раванди табдилёбӣ ба қурбонӣ

мебошад.

Аз натиҷаи омӯзиши таҳлилҳои гузаронидашуда диссертант хулоса мекунад, ки чунин омилҳои виктимиро дар оила ҷудо намудан мумкин аст: а) хусусиятҳои психологии шахсии аъзоёни оила; б) ҳолати моддию иқтисодии оилавӣ; в) дараҷаи низоъ, хусусияти макону замон ва муҳите, ки аъзоёни оила дар он қарор доранд ва чунин вазъият дар он пайдо гардидааст.

Яке аз паҳлуҳои мусбии диссертатсия дар он аст, ки муаллиф чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо бо дарназардошти хусусияти умумии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ доштанашон, мубориза бар зидди ҷинояткориро дар умум ва намудҳои мушаххаси он ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ; чораҳои умумикриминологии иқтисодӣ; чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ; чораҳои умумикриминологии маънавӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқот, аз ҷумла, хулосаҳои назариявию амалӣ, пешниҳоду тавсияҳо, инчунин, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшударо дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, инчунин, дар таҳия ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, дар амалияи татбиқи ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода бурд.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд. Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат мекунанд. Бар замми ин,

дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Муҳаққиқ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва нуқтаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна - унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ.,** **Назаров А.Қ.**

**Имзои Назаров А.Қ.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**

14 июни 2023

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон; 734025, ш. Душанбе, х. Рудаки, 17 Тел.: +7 (10992-37) 221 77-11 Факс: +7 (10992-37) 221 48-84; E-mail: avazjonn@mail.ru